# 26240 - Қироати сураи Мулк азоби қабрро боз медорад

**савол**

Қироати сураи Мулк мусулмонро аз азоби қабр эмин медорад, вале чанд маротиба бояд онро бихонад? Як маротиба дар як рӯз ё бештар?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аз Абуҳурайра ривоят аст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Дар Қуръон сурае аст, ки сӣ оят дорад. Ин сура барои мард ба андозае шафоат мекунад, ки гуноҳони ӯ бахшида мешаванд ва он сураи "Таборака-л-лазӣ биядиҳи-л-мулк" мебошад».**

Ривояти Тирмизӣ (2891), Абудовуд (1400) ва Ибни Моҷа (3786).

Тирмизӣ гуфтааст: Ин ҳадиси ҳасан аст. Шайху-л-ислом Ибни Таймия дар китоби "Маҷмуъу-л-фатово" (22/277) ва Шайх Албонӣ дар китоби "Саҳиҳу Ибни Моҷа" (3053) ин ҳадисро саҳеҳ донистаанд.

Манзур аз ин ҳадис ин аст, ки инсон бояд ҳар шаб онро бихонад, ба аҳкоми он амал бикунад ва ба хабарҳои он имон оварад.

Абдуллоҳ ибни Масъуд фармудааст: **Ҳар кас "Таборака-л-лазӣ биядиҳи-л-мулк"-ро ҳар шаб бихонад**, **Аллоҳ таъоло бо воситаи он, азоби қабрро аз ӯ боз медорад. Мо дар замони расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ин сураро мониъа (боздоранда) меномидем. Он сура дар китоби Аллоҳ таъоло аст, ки касе онро ҳар шаб бихонад, кори хеле зиёд ва хуберо анҷом додааст.**

Насоӣ (6/179) ин ҳадисро ривоят кардааст. Албонӣ онро дар китоби "Саҳиҳу-т-тарғиби ва-т-тарҳиб" (1475) ҳасан донистааст.

Донишмандони Кумитаи доимӣ гуфтаанд:

Аз ин рӯ умед аст, ки ҳар кас ба ин сура имон оварад, ба хотири розигии Аллоҳ таъоло пайваста онро бихонад, аз он панду ибрат бигирад ва ба аҳкоми он амал бикунад, ин сура (дар охират) барояш шафоат мекунад.
"Фатово-л-лаҷнату-д-доима" (4/334, 335).

Аллоҳ донотар аст.